«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
____________ Раҳмон Д.С.
«_28_» ______ соли 2023

**ХУЛОСАИ**
**ҷаласаи васеи якҷояи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи методикаи таълими информатикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»**

Баррасии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими информатика Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ), кори илмӣ - таҳқиқотиашро анҷом додааст, ки кори мазкур дар кафедраи методикаи таълими информатикаи факултети физика ва математикаи Донишгохи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Маълумот дар бораи довталаб: Раҳимова С.Н. соли 2014 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси таъминоти математикӣ ва барномавии истеҳсолоти автоматикунонидашуда (муҳандис-систематехник) хатм намудааст. Мавсуф, фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2015 оғоз намуда, то моҳи сентябри соли 2021 ба ҳайси ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ, аз соли 2021 то соли 2023 ассистенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият кардааст. Айни ҳол, ба сифати муаллими калони кафедраи мазкур кору фаъолият намуда истодааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 23 июни соли 2023, таҳти №20 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна бо унвони «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25 майи соли 2021, суратҷаласаи №11/4-8, тасдиқ гардидааст.

Диссертатсияи илмии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи методикаи таълими информатика аз 26-уми августи соли 2023 суратҷаласаи № 1 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорониояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд.

Баҳодиҳӣ ба иҷрои диссертатсия. Диссертатсияи унвонҷӯ Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна зери унвони «Омодасозии омӯзгорониояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

***Мақсади таҳқиқоти*** диссертатсионӣ ошкор кардан ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии баланд бардоштани самаранокии омодагии омӯзгорониояндаи фанни таърих дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ мебошад.

***Мутобиқати диссертатсия*** бо шиносномаи ихтисоси илмии кори диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои 3,4,5,7 зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ) мувофиқ мебошанд:

-банди 3.2. Аппарати консептуалии педагогика, омӯзиши асосҳои методологии таълим ва тарбияи шахс;

-банди 3.3. Мавқеъ ва нақши педагогика дар ҳаёти маънавии ҷомеа, инсон ва донишҳои илмӣ;

-банди 3.5. Пешгӯии педагогӣ (таҳқиқоти методология ва усулҳои пешгӯии тараққиёти педагогика ва маориф, муайян кардани дурнамоҳои тараққиёти онҳо дар мамлакати мо ва берун аз он);

-банди 4.1. Асоснок кардан ва татбиқ намудани консепсияҳо, системаҳои педагогӣ, таҳқиқоти равишҳои ташкил ва такмили раванди интегралии педагогӣ;

-банди 4.1.1. Муайян намудани шароити оптималии ташаккули шахсият дар раванди таълим;

-банди 4.1.2. Муайян кардан ва таҳияи роҳҳои муттаҳидсозии мактаб, оила ва ҷомеа дар татбиқи тарбияи мақсадноки шахсият;

-банди 5.1. Таҳлили рушди таърихии амалияи институтсионалӣ ва ғайриинститутсионии маориф, сиёсати давлат дар соҳаи маориф ва танзими ҳуқуқии он;

-банди 5.1.1. Омӯзиши ташаккул ва инкишофи афкори педагогӣ, консепсияҳо, назарияҳо, мероси педагогии омӯзгорони барҷастаи замони гузашта;

-банди 7.1. Ҳаракати навоварона дар таълим, фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ, умумигардонӣ, паҳн ва ҷорӣ намудани навигариҳои педагогӣ;

-банди 7.1.1. Тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгор;

-банди 7.1.5. Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, ҳамкории сотсиалии муассисаҳои таълимӣ.

***Навгонии илмии таҳқиқот:***

1. Моҳият, сохтор (истифода, умумӣ ва махсус) ва мундариҷаи таълими муаллимони оянда дар заминаи истифодаи ТИК тавсиф карда шуданд;
2. Ҷанбаҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии устодону омӯзгорон, истифодаи системаҳои иттилоотӣ муайян карда шуданд;
3. Ҷузъҳои тайёр кардани муаллими таърих нисбати истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ - ҳавасмандӣ, консепсия ва фаъолияти маърифатӣ муайян карда шуданд;
4. Ҷустуҷӯ, бойгоникунӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, таъсири умумӣ тавассути воситаҳои мултимедиявӣ, аз ҷумла тасвирҳои эҳсосӣ, шунавоӣ, аудиторӣ ва ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тарҳрезии объектҳои воқеӣ ва маҷозӣ нишон дода шуданд;
5. Гирифтани тамоми низоми усулҳо, техника ва воситаҳои таълим ва ба таври мунтазам ҳалли муваффақонаи мушкилоти факултети таърих таъмин ва пешниҳод карда шуд.

***Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

1. Таърифи мафҳуми «салоҳияти иттилоотии донишҷӯён» – ҳамчун тавсифи маҷмуӣ таълимгиранда, аз тарафи мо ҳамчун сатҳи баланди

донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ, маҳорати истифодаи ин донишҳо дар раванди азхудкунии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти олии касбӣ, омодагӣ ҷиҳати истифодаи техника ва технологияи компютерӣ дар фаъолияти касбӣ муайян карда шуд.

2. Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгори оянда фанни таърих (ҳамчун бахши таркибии салоҳиятнокии иттилоотӣ) дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии раванди азхуд кардани назария ва амалияи истифодаи ТИК барои ба амал баровардани ҷамъоварӣ ва интиқол, коркард, нигоҳдорӣ, истеҳсоли иттилооти гуногун (матнӣ, тасвирӣ), татбиқи ҳамкории иттилоотӣ ба мақсади ҳаллу фасли вазифаҳои умумипедагогӣ ва методӣ, инчунин, вазифаҳои тарроҳӣ фаҳмида мешавад.

3. Мақсади омодагӣ, ташаккули омодагие аст, ки ҳамчун тавсифномаи мураккаби мутахассис мавриди баррасӣ қарор гирифта шомили унсурҳои зерин мебошад:

4. Дар асоси бозёфтҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ модели сохторию вазифавии истифодаи ТИК дар фаъолияти донишҷӯёни факултети таърих таҳия карда шудааст, ки он аз маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқаманд аз қабили: меъёри пешгӯикунандаи мақсаднок, технологӣ, методӣ, ташкилию вазифавӣ ва натиҷавӣ иборат мебошад, ки имкон медиҳад ба таври муваффақона салоҳиятҳои матлуб, ташаккулёбанда ва дар навбати худ бобати аз тарафи донишҷӯён аз худ кардани барномасозии ба объект нигаронидашуда ва маълумоти олии касбӣ дар самти таърих ва ҳаллу фасли вазифаҳои касбии фаъолияти минбаъда мусоидат мекунанд.–

5. Истифодаи самараноки ТИК дар факултети таърихи мактаби олии педагогӣ метавонад фақат ба шарофати истифодаи методикаи илмӣ таҳия карда шуда, ки дар асоси принсипҳои муттасил, тартиб ва пайдарҳамӣ, ки мантиқан амалӣ карда мешавад, яъне аз омӯзиши донишҳои умуминазариявӣ дар курсҳои поёнӣ то бунёдгароии ҳар чи бештари онҳо, ки зери назари инкишофи пайдарҳамии малака ва маҳоратҳои зарурӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таълим дар донишгоҳ бунёд гардидааст, таъмин карда шавад.

Аз рӯйи натиҷаҳои диссертатсия унвонҷӯ мақолаҳои илмӣ чоп намуда, дар конференсияҳои илмӣ бо маъруза баромад намудааст. Муаллифи диссертатсия мустақилона аз технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ, методҳои фаъоли таълим, усулҳои баланд бардоштани сифати таълими информатика дар МТОК ва ташаккул додани сатҳи дониш ва дараҷаи азхудкунии донишҷӯён, ҳамзамон роҳҳои самарабахш истифода бурдан аз технологияи муосирро пешниҳод намудааст.

***Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.*** Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2017-2023) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи методикаи таълими информатика ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима карда шудааст. Дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳалли онҳо» (Душанбе, 2019), «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ», (Кӯлоб, 2020), «Саҳми профессор Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияи иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2021), «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳалли онҳо» (Душанбе, 2019) ба нашр расонида шудаанд.

***Саҳми шахсии довталаби*** дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди додаҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

***Асосҳои назариявии таҳқиқот:***

-назарияи умумии низом ва низомҳои педагогӣ ва технологияҳо (В.П. Беспалко, В.И. Загязинский, М.В. Кларин, И.Я Лернер, П.И. Пидкасистий, Г.К. Селевко ва дигарон);

-консепсияҳои муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ (С.И. Архангелский, В.А. Бордовский, Г.А. Бордовский, Б.С. Гершунский, Н.Д. Никандров, В.А. Садовничий, Ю.Г. Татур ва дигарон);

-консепсияи муносибати босалоҳият, ки имкон медиҳад, салоҳиятнокии иттилоотиро ҳамчун яке аз сохторҳои калидӣ дар сохтори омодагии мутахассисон ҷудо кунем (Л.В. Бочарова, В.И. Байденко, А.С. Белкин, Ф.Э. Зеер, И.А. Зимняя, В.В. Краевский, А.Р. Мирзоев, Г.К. Селевко, А.В. Хутарской ва дигарон);

-таҳқиқи масъалаи истифодаи ТИК дар раванди таълим (В.Н. Арефев, П.А. Баранов, С.Р. Григорев, Л.И. Долинер, Д.Ш. Матрос, Е.И. Машбитс, А.И. Петриенко, В.И. Стариченко, Г.М. Троян ва дигарон);

муносибатҳои консептуалӣ нисбат ба методикаи таълими фанни таърих - ҳамчун соҳаи фанние, ки ба принсипҳои дидактикӣ ва методологияи улуми таърихӣ такя мекунад Л.Н. Алексанкина, А.А. Вагин, Е.Е. Вяземский, А.Т. Степанишев, О.Ю. Стрелова, М.Т. Студенкин ва дигарон;

*Таҳқиқоти назариявӣ ва ба амалия* нигаронидашудаи корҳои таҷрибавӣ ва ҷустуҷуйӣ дар соҳаи маърифатӣ (В.С. Безруков, В.И. Загвязинский, А.М. Говиков, Ф.Ф. Шарифзода ва дигарон);

Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз инҳо 5 - мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашррасида, 8-мақола дар нашрияҳои дигар ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп гардидаанд.

Арзишмандии корҳои илмии унвонҷӯ, пуррагии баёни маводи диссертатсия дар корҳои аз ҷониби унвонҷӯ ба нашррасида.

**а) Дастури таълимие, ки аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия дода шуда ба табъ расидааст:**

[1-М]. Раҳимова, С.Н. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар мактабҳои олӣ. – Душанбе: “Матбаа”, 2023.-75с.

[2-М]. Раҳимова, С.Н. Технологияи иттилоотӣ -коммуникатсионӣ ва салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёни ихтисоси таърих. – Душанбе: “Матбаа”, 2023.-85с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[3-М]. ***Раҳимова, С.*** Татбиқи муносибатҳои босалоҳият дар таҷрибаи таҳсилоти ватанӣ [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – С. 88-89. – №1-2 (98). – ISSN-2663-5534.

[4-М**]. *Рахимова, С.*** Теоретические основы информационной компетентности студентов-историков [Текст] / С. Рахимова // Вестник Таджикского нациольного университета. – 2022. – №7. – С. 273-281. – ISSN-2074-1847.

[5-М ***Раҳимова, С.*** Амсилаи такмили истифодаи ТИК дар низоми тахсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2022. – №3(28). – С. 72-76. – ISSN-2616-5260.

[6-М]. Раҳимова, С. Масъалаҳои рушди босуръати технологияҳои пешрафта дар низоми маориф [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №1-2 (98). – ISSN-2663-5534.

[7-М]. Раҳимова, С. Махсусиятҳои таълими ҳамгиро дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / С. Раҳимова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2021. – №1/4 (92). – С. 162-164. – ISSN-2663-5534.

в). **Интишорот дар нашрияҳои дигар:**

[8-М]. **Раҳимова С**. Татбиқи функсияҳо дар барномаи MS EXSEL бо истифодабарии забонҳои барноманависӣ [Матн] / Д. Гулов, **С. Раҳимова** // Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва ҳалли онҳо» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физика математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. – Душанбе, 2019. – С. 236-239.

[9-М]. ***Раҳимова, С.*** Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботи дар мактабҳои муосир [Матн] / С. Раҳимова // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1 дар соли 2020). – Кӯлоб, 2020. – С. 258-261.

[10-М]. ***Раҳимова, С.*** Истифодаи ТИК дар низоми таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Конференсияи умумидонишгоҳии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми профессор Шарипов Ф.Ф. дар рушди технологияи иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касби Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2021. – С. 262-264.

[11-М]. Раҳимова, С. Татбиқи амсилаи иттилоотонии омӯзгорони ояндаи фанни таърих. Дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Раҳимова // Конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар соли 2021 ва вазифаҳо барои соли 2022. Бахшида ба эълон гардидани солҳои 2022-2026 Солҳои рушди саноат. Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ. – Душанбе, 2022. – С. 131-132.

[12-М]. **Раҳимова С**. Мушкилоти рафти таълим дар ҷараёни таълимоти фосилавӣ [Матн] / А. Холов, **С. Раҳимова** // Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами математика дар замони муосир: дурнамо ва роҳҳои ҳалли онҳо» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физика математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. – Душанбе, 2019. – С. 276-277.

[13-М]. **Раҳимова С**. Ташкили корҳои лабораторӣ бо истифода аз таъминоти барномавии анъанавӣ [Матн] / А. Холов, **С. Раҳимова** // Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявай дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами мматематика дар замони муосир: дурнамо ва роҳҳои ҳалли онҳо» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои физика математика, профессор, шодравон Раҳмат Акбаров. Душанбе, 2019. – С. 278-279.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ (13.00. 08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ) мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаи амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогика Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ (13.00. 08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ), мувофиқат менамояд, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6DKOA-046-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия карда шавад.

3. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти олии касбӣ (13.00. 08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ), барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-046-и назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи якҷояи кафедраи методикаи таълими информатикаи ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», протоколи № 1, аз 26-уми августи соли 2023 қабул карда шудааст.

**Раиси ҷаласа,** мудири кафедраи методикаи таълими информатикаи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, н.и.п., и.в.дотсент: Сафаров Сайтоҷиддин Сайкамолович

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, н.и.п., и.в.дотсент: Назаров Ҳотам Сарфарозович

**Муқарризон:**

номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Сафарзода Мунир Ватан

номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсент, мудири кафедраи технологияҳои барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва математикаи олии ДТМИК: Шарипов Бегиҷон Рамазонович

Котиби ҷаласа, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими информатикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Афизов С.Х.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров 16; Тел. (+9928 33 22) 2-35-07 E-mail:info@kqu.tj

Имзоҳои Назаров Ҳ.С., Сафаров С.С., Сафарзода М.В., Афизов С.Х-ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ва КМ ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф. А.

Имзои Шарипов Б.Р. -ро тасдиқ менамоям

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории ДТМИК: Шокиров Қ.Б.

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, маҳаллаи Борбад. Тел.(83322) 2-13-67,(+99237) 2-08-46

E-mail: fdttk@list.ru